# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 21.06.2024, №42**

Барои сазовор донистани Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ  аз рӯйи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт).

Диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) санаи 14 марти 2024 дар асоси хулосаи мусбати комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №53 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14) ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи  соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, 08-уми январи соли 1981 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.  Номбурда соли 2003 шуъбаи рӯзонаи факултети соҳибкорӣ ва менеҷменти Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизматро (ҳозира Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон) аз рӯи ихтисоси «Системаҳои ахборотӣ дар иқтисодиёт» хатм намудааст.

Диссертатсияи номзадиашро соли 2011 дар мавзуи «Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Социально-экономические аспекты внедрения информационных технологий в сфере высшего профессионального образования Республики Таджикистан) таҳти роҳбарии д.и.ф.м., профессор Комилиён Ф.С. ҳимоя намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади иқтисодӣ гардидааст.

Аз соли 2011 то ин ҷониб дар баробари иҷрои корҳои гуногуни роҳбарӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ фаъолияти илмию педагогиро қатъ накарда, дар доираи мавзуи нави ба идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ бахшидашуда пажуҳишу таҳқиқотро идома додааст. Солҳои 2020 – 2024 Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳамзамон дотсенти Кафедраи технология ва системаҳои информатсионӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Аз 15.04.2024 инҷониб дар вазифаи Ректори Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон кор мекунад ва дотсенти Кафедраи технология ва системаҳои информатсионӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

Бо қарори Шурои олимони ДДМИТ аз 28.02.2017, №4/6.7 мавзуи диссертатсияи доктории Раҳмонзода З.Ф. «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ (назария, методология ва амалия)» ба расмиёт дароварда шудааст.

Тибқи фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти №113/И – аз 18-уми ноябри соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯ-докторанти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон қабул гардидааст.

Бо қарори Шурои олимони ДДМИТ №8/4.10 аз (29.03.2023) ба номи мавзуи диссертатсионӣ тағйирот бо таҳрири зерин "Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)" ворид намуда, ихтисоси дуюм илова гардида, ҳамзамон д.и.и., дотсент Шаропов Ф.Р. ба ҳайси мушовири илмӣ таъин карда шуд.

Мушовирони илмӣ: Комилиён Файзалӣ Саъдулло – доктори илмҳои физикаю математика, профессори информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт). Мушовири дигар аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои им, маориф ва иҷтимоиёт) Шаропов Фарҳод Разоқович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, аснои қабули қарори дахлдори Шурои диссертатсионӣ оид ба иҷозати ҳимоя, дар вазифаи муовини ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кор мекард. Айни замон дар вазифаи муовини ректор оид ба рушди стратегӣ ва идоракунии сифати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи

татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) дар маҷлиси васеъ ва муштараки “Система ва технологияи иттилооти дар иқтисодиёт”, “Информатикаи амалӣ дар иқтисодиёт”, “Иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ” ва “Иқтисоди рақамӣ ва логистика”-и ДДМИТ аз 7 апрели соли 2023, протоколи №04/1 бо иштироки мутахассисони даъватшуда муҳокима шуда, барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод гардидааст.

**Мушовирони илмӣ:**

**Комилиён Файзалӣ Саъдулло,** доктори илмҳои физикаю математика, профессор, профессори кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз рӯйи ихтисоси 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт);

**Шаропов Фарҳод Разоқович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба рушди стратегӣ ва идоракунии сифати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт).

**Муқарризони расмӣ:**

**Қодиров Абдураҳмон Лакимович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров;

**Мирсаидов Аврор Бобоевич,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии АИДНПҶТ, муовини сардори Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсия хулосаи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори ДДҲБСТ Ризозода Т.Р. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа баррасӣ ва муҳокима карда шуда (суратҷаласаи №11, аз 23.05.2024с.), аз ҷониби ректори - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)», кори илмию таҳқиқотии мустақилона баитмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои докторӣ, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳмонзода Зоир Файзалӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 61 интишороти илмӣ, аз ҷумла монографияҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳо ва дастурҳои таълимию методӣ, 32 адад мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 19 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Тоҷикистон (7 адад дар алоҳидагӣ) дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**

**а) Монографияи илмӣ:**

[1-М]. Рахмонов З.Ф. Информационные технологии в высшем образовании Республики Таджикистан. Монография [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов. – Душанбе: «Ирфон», 2012. – 174 с.

**б) Китобҳои дарсӣ ва воситаву дастурҳои таълимие, ки ВМИ ҶТ, ДМТ, ДБССТ ва ДДМИТ тавсия ва чоп кардаанд:**

[2-М]. Раҳмонзода З.Ф. Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ, синфи 11 [Матн] / Ф.С. Комилиён, Т. Шарипов, С.Ҳ. Мирзоев, И.Л. Қосимов, З.Ф. Раҳмонзода. – Душанбе: КВД КТН «Шарқи озод», 2018. – 280 с.

[3-М]. Раҳмонзода З.Ф. Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ, синфи 7 [Матн] / Ф.С. Комилиён, З.Ф. Раҳмонзода. – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2020. – 208 с.

[4-М]. Раҳмонов З.Ф. Забонҳои барномарезӣ. Воситаи таълимӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Раҳмонов. – Душанбе: «Маориф», 2015. – 208 с.

[5-М]. Раҳмонов З.Ф. Компютер ва иттилоот. Воситаи таълимӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Раҳмонов. – Душанбе: «Маориф», 2015. – 208 с.

[6-М]. Раҳмонов З.Ф. Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ, синфи 11 [Матн] / Ф.С. Комилов, Т. Шарипов, С.Ҳ. Мирзоев, И.Л. Қосимов, З.Ф. Раҳмонов. – Душанбе: «Ганҷ», 2014. – 280 с.

[7-М]. Раҳмонов З.Ф. Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ, синфи 7 [Матн] / Ф.С. Комилов, Д.С. Шарапов, З.Ф. Раҳмонов. – Душанбе: «Собириён», 2014. – 200 с.

[8-М]. Раҳмонов З.Ф. Технологияҳои компютерӣ. Воситаи таълимӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Раҳмонов. – Душанбе, 2016. – 247 с.

[9-М]. Раҳмонов З.Ф. Технологияҳои тарҳрезии системаҳои иттилоотӣ. Воситаи таълимӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Раҳмонов. – Душанбе, 2016. – 135 с.

[10-М]. Раҳмонов З.Ф. Шабакаҳои компютерӣ ва сомонасозӣ. Воситаи таълимӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Раҳмонов. – Душанбе, 2016. – 208 с.

[11-М]. Раҳмонов З.Ф. Назарияи эҳтимолият. Дастури таълимӣ [Матн] / А.К. Малаев, З.Ф. Раҳмонов, З.Л. Самадов, У.А. Малаев. – Ваҳдат, 2015. – 134 с.

[12-М]. Раҳмонзода З.Ф. Риёзиёт дар иқтисодиёт. Дастури таълимӣ [Матн] / А.К. Малаев, З.Ф. Раҳмонзода. – Ваҳдат, 2017. – 87 с.

**в) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР ба нашр расидаанд:**

[13-М]. Раҳмонзода З.Ф. Амсилаи консептуалии низоми иттилоотии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, З.Ф. Раҳмонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 3. – С. 127-135.

[14-М]. Раҳмонзода З.Ф. Ҳисобкунии самаранокии иқтисодӣ аз татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи хизматрасониҳои таълимии мактаби олӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, З.Ф. Раҳмонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – № 1 (30). – С. 80-90. – EDN: FERNGO.

[15-М]. Рахмонзода, З. Ф. Применение автоматизированных систем управления образовательными учреждениями [Текст] / З.Ф. Рахмонзода, Р.Дж. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – № 3/6 (120). – С. 314-319.

[16-М]. Рахмонзода, З.Ф. Рациональное внедрение информационно-коммуникационных технологий в процессе принятия управленческих решений вузов [Текст] / З.Ф. Рахмонзода, Ф.Р. Шаропов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. – № 2 (46). – С. 15-23.

[17-М]. Рахмонзода, З. Ф. Системный подход к оптимизации управления образовательным учреждением [Текст] / З.Ф. Рахмонзода // Балтийский гуманитарный журнал. – 2017. – Т. 6. – № 4 (21). – С. 383-387.

[18-М]. Рахмонов, З. Ф. Информационное обеспечение системы управления качеством образовательных услуг [Текст] / З.Ф. Рахмонов, Ф.С. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. – 2011. – № 4 (68). – С. 46-55.

[19-М]. Рахмонов, З. Ф. Внедрение ИКТ в образовательный процесс – основа совершенствования подготовки высококвалифицированных специалистов [Текст] / З.Ф. Рахмонов // Вестник Российско-Таджикского (Славянского) университета. – 2010. – № 4 (30). – С. 140-145.

[20-М]. Рахмонов, З. Ф. Система управления образовательного процесса, основанная на внедрении современных информационных технологий [Текст] / З.Ф. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2010. – № 8 (64). – С. 171-177.

[21-М]. Рахмонов, З. Ф. Теоретические основы управления качеством образовательных услуг [Текст] / З.Ф. Рахмонов, Ф.С. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. – № 2/8 (149). – С. 119-128.

[22-М]. Раҳмонзода, З. Ф. Арзёбии сатҳу сифати қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯён бо усулҳои муосири тестгузаронӣ ҳамчун шакли хизматрасониҳои таълимӣ [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 4/2 (39). – С. 291-300. – ISSN 2308054-X.

[23-М]. Раҳмонзода, З. Ф. Асосҳои назариявӣ ва иқтисодии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – 2020. – № 4 (55). – С. 90-100.

[24-М]. Раҳмонзода, З. Ф. Истифодаи методологияи идоракунии умумии сифат (TQM) дар густариши хизматрасониҳои таълимии мактаби олӣ (Назария) [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2021. – № 1-4 (92). – С. 104-115. – EDN: IHRITN.

[25-М]. Раҳмонзода, З. Ф. Истифодаи методологияи идоракунии умумии сифат (TQM) дар густариши хизматрасониҳои таълимии мактаби олӣ (Амалия) [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2022. – № 1-1 (95). – С. 148-152. – EDN: YSGPUW.

[26-М]. Раҳмонзода, З. Ф. Качество образовательных услуг как экономическая категория и объект управления [Текст] / З.Ф. Рахмонзода //

Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/9 (218). – С. 223-231.

[27-М]. Раҳмонзода, З. Ф. Мушкилоти иҷтимоию иқтисодии раванди иттилоотонӣ дар низоми маориф [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – № 2 (22). – С. 49-57.

[28-М]. Раҳмонзода, З. Ф. Оқибатҳои иҷтимоии ҷорисозии технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеаи муосир ва равандҳои иҷтимоию иқтисодии низоми таҳсилот [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 8. – С. 179-187.

[29-М]. Раҳмонзода, З. Ф. Самаранокии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: ҳолати муосир, беҳдошти усулҳои истифода [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 9. – С. 273-280.

[30-М]. Раҳмонзода, З. Ф. Сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ: мафҳум, категория, унсурҳо, пирамидаи сифат [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 1 (35). – С. 248-258.

[31-М]. Раҳмонзода, З. Ф. Хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ: мафҳум, омилҳо ва равандҳои асосӣ [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – № 1 (25). – С. 49-57.

**г) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

[32-М]. Раҳмонов З.Ф. Вобастагии рушди иқтисодиёт аз дараҷаи информатсионии ҷомеа [Матн] / А.Ф. Гадоев, Б.Б. Бобокалонов, Р.Ҷ. Давлатов, З.Ф. Раҳмонов // Паёми Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат. – 2006. – № 15. – С. 54-59.

[33-М]. Рахмонов З.Ф. Особенности процесса информатизации в системе образования [Текст] / И.Н. Исоев, З.Ф. Рахмонов // Вестник Института предпринимательства и сервиса. – 2011. – № 22. – С. 74-80.

[34-М]. Рахмонов З.Ф. Информационное обеспечение процесса автоматического управления работой кафедры [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов, Р.Д. Давлатов // Вестник Института предпринимательства и сервиса. – 2005. – № 13. – С. 30-35.

[35-М]. Рахмонов З.Ф. Информационные технологии в системе образования как фактор социального изменения структуры общества [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов // Известия таджикского отделения Международной академии наук высшей школы. – 2012. – № 2. – С. 78-87.

[36-М]. Рахмонов З.Ф. Компьютерные технологии как средство повышения качества обучения [Текст] / Ф.С. Комилов, А.А. Исмоилов, З.Ф.

Рахмонов // Вестник Института предпринимательства и сервиса. – 2008. – № 18. – С. 125-128.

[37-М]. Раҳмонов З.Ф. Компютер ва саломатӣ: Қоидаҳои дурусти кор [Матн] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Раҳмонов // Паёми Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат. – 2004. – № 11. – С. 11-12.

[38-М]. Рахмонов З.Ф. Мультимедийно-педагогическая игровая технология – игра с учебно-познавательной направленностью в виртуальной образовательной среде [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов, Ш.Х. Тагоев, Ф.Р. Файзуллоев // Известия таджикского отделения Международной академии наук высшей школы. – 2016. – № 1. – С. 16-26.

[39-М]. Раҳмонов З.Ф. Назари нав ба сохтори барномаи таълимии фанни «Технологияи иттилоотӣ» дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, С.Х. Мирзоев, И.Л. Қосимов, З.Ф. Раҳмонов // Ахбори шуъбаи тоҷикистонии Академияи илмҳои байналхалқии мактабҳои олӣ. – 2013. – № 1. – С. 42-46.

[40-М]. Раҳмонов З.Ф. Оид ба стандарти муосири фанни «Технологияи иттилоотӣ» дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, С.Ҳ. Мирзоев, И.Л. Қосимов, З.Ф. Раҳмонов // Ахбори шуъбаи тоҷикистонии Академияи илмҳои байналхалқии мактабҳои олӣ. – 2013. – № 1. – С. 47-53.

[41-М]. Рахмонов З.Ф. Современное состояние использования информационных технологий в деятельности высшего учебного заведения [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов // Вестник Института предпринимательства и сервиса. – 2011. – № 23. – С. 115-123.

[42-М]. Раҳмонов З.Ф. Талаботи меъёрӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ нисбат ба дараҷаи азхудкунии фанни информатика дар машғулиятҳои амалӣ ва лабораторӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, И.М. Саидов, З.Ф. Раҳмонов // Ахбори шуъбаи тоҷикистонии Академияи илмҳои байналхалқии мактабҳои олӣ. – 2016. – № 2. – С. 95-101.

[43-М]. Рахмонов З.Ф.Информационные и телекоммуникационные технологии в современном образовательном процессе [Техт] / З.Ф. Рахмонов // Вестник Института предпринимательства и сервиса. – 2010. – № 19. – С. 219-225.

[44-М]. Рахмонов, З. Ф. Использование локальных компьютерных сетей в учебном процессе ВУЗа [Текст] / З.Ф. Рахмонов, Р.Дж. Давлатов // Вестник Института предпринимательства и сервиса. – 2007. – № 16. – С. 70-76.

**д) Мақолаҳое, ки дар маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд:**

[45-М]. Рахмонов, З. Ф. Информационно-телекоммуникационные технологии как средство повышения качество высшего профессионального образования [Техт] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов // Материалы республиканской конференции «Современные проблемы прикладной

математики и информатики», посвященной 70-летию профессора Б. Алиева. – Душанбе, ТНУ, 2014. – С. 98-100.

[46-М]. Рахмонов, З. Ф. Моделирование информационно-коммуникационой технологии подготовки высококвалифицированных специалистов [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов // Материалы международного семинара «Проблемы развития экономики РТ в условиях мирового финансового кризиса». – Душанбе, ИПС, 2010. – С. 268-288.

[47-М].Рахмонов, З. Ф. Назаре ба стандарти нави фанни «Технологияи иттилоотӣ» дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, С.Ҳ. Мирзоев, И.Л. Қосимов, З.Ф. Раҳмонов // Маводҳои конфронси IX байналмилалии «Таҳлили компютерии проблемаҳои илм ва технология» бахшида ба 65-солагии ДМТ. –Душанбе, 2013. –С. 6-7.

[48-М]. Рахмонов, З. Ф. Нақши технологияи информатсионӣ дар рушди соҳибкорӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Раҳмонов, А.Ф. Гадоев, Р.Ҷ. Давлатов, Б.Б. Бобокалонов // Маводҳои конфронси илмии VIII олимони ҷавони Тоҷикистон «Ҷавонон ва ҷаҳони андешаҳо» бахшида ба 2700-солагии шаҳри Кӯлоб. – Кӯлоб, ДДК, 2006. – С. 514-516.

[49-М]. Рахмонов, З. Ф. Некоторые аспекты внедрения современной информационной технологии управления в системе образования / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов, А.А. Исмоилов // Материалы научно-практической конференции «Роль моделирования в процессе принятия решений и образовании». – Душанбе: «Деваштич», 2008. – С. 141-150.

[50-М]. Раҳмонзода, З. Ф. Оид ба алгоритмсозии марҳилаҳои татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Абурайҳони Берунӣ дар таърихи тамаддуни форс-тоҷик», бахшида ба 1050-солагии мутафаккири бузург. – Бохтар, 2023. – С. 157-162.

[51-М]. Раҳмонов З. Ф. Стандарти муосири фанни «Технологияи иттилоотӣ» омили рушди минбаъдаи соҳаи маориф [Матн] / Ф.С. Комилов, С.Ҳ. Мирзоев, И.Л. Қосимов, З.Ф. Раҳмонов // Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати профессорону омӯзгорони ДМТ бахшида ба «700-солагии Мир Саидаи Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт», 2005-2015. – Душанбе, ДМТ, 2015. – С. 9-11.

[52-М]. Раҳмонов З. Ф. Татбиқи Knoppix/Linux дар мактабҳои ҷумҳурӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Раҳмонов, А.Ф. Гадоев, Р.Ҷ. Давлатов, Б.Б. Бобокалонов // Маводҳои конфронси илмии VIII олимони ҷавони Тоҷикистон «Ҷавонон ва ҷаҳони андешаҳо» бахшида ба 2700-солагии шаҳри Кӯлоб. – Кӯлоб, ДДК, 2006. – С. 517-520.

[53-М]. Рахмонов, З. Ф. Информационное обеспечение системы управления качеством образовательных услуг высшего профессионального

образования [Текст] / З.Ф. Рахмонов // Сборник статей научно-практичекиой конференции «Развития промышленности Республики Таджикистан». – Душанбе, ИПС, 2013. – С. 231-236.

[54-М]. Рахмонов, З. Ф. Об автоматизации деятельности кафедры [Текст] / З.Ф. Рахмонов, Р.Дж. Давлатов // Материалы международной научно-практической конференции «Математическое моделирование и информационные технологии в социально-экономических системах». – Душанбе, ИПС, 2005. – С. 181-183.

[55-М]. Рахмонов, З. Ф. Социально-экономические последствия внедрения информационных технологий в различных сферах современного общества [Текст] / З.Ф. Рахмонов // Материалы Республиканской научно-практической конференции «Проблемы развития производственного предпринимательства в РТ»: Вестник ИПС, № 24. – Душанбе, ИПС, 2013. – С. 33-42.

[56-М]. Рахмонзода, З. Ф. Арзёбии назариявии сифати таҳсилот ва омилҳои таъсиррасон дар соҳаи хизматрасониҳои таълимии электронӣ [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Самтҳои муосири татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар рақамикунонии таҳсилот, илм ва истеҳсолоти саноатӣ». – Душанбе: ДССХ, 2021. – С. 58-64.

[57-М]. Раҳмонзода, З. Ф. Мушкилоти иҷтимоию иқтисодии низоми таҳсилоти олии касбӣ дар ҷараёни иттилоотонӣ [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами математика ва таълими он» бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) ва 70-солагии д.и.п., профессор А.Э. Сатторов. – Бохтар, ДДБ, 2020. – С. 227-229.

[58-М]. Рахмонзода, З. Ф. Рушди шаклҳо ва афзорҳои идоракунии низоми хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар марҳилаи рақамикунонии ҷомеа [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва тамоюлҳои он». – Душанбе: ДДМИТ, 2022. – С. 80-85.

[59-М]. Раҳмонзода, З. Ф. Таснифи системаҳои иттилоотӣ дар ташкили идоракунии муассисаҳои таълимӣ [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Р.Ҷ. Давлатов, А.Ш. Ёфтаков // Маҷмуаи маводҳои конфронси илмӣ-назариявии Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат «Нақши ҷавонон дар рушди кишвари саноатию аграрӣ». – Душанбе: «Сомон-Граф», 2017. – С. 34-36.

[60-М]. Раҳмонов З. Ф. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар пешбурди хизматрасониҳои таълимӣ [Матн] / З.Ф. Раҳмонов // Маводҳои конфронси илмии VIII олимони ҷавони Тоҷикистон «Ҷавонон ва ҷаҳони

андешаҳо» бахшида ба 2700-солагии шаҳри Кӯлоб. – Кӯлоб, ДДК, 2006. – С. 521-522.

[61-М]. Rahmonov, Z. F. New educational tecnologies – ground for advance teaching [Text] / Z.F. Rahmonov, F.S. Komilov, A.A. Ismoilov // International Conference IICM2009 «Intellectual capital management». – Iran, Zanjan, 2009. – P. 39.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Амонова Дилбар Субҳоновна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДСРТ, бо чунин эрод:**

1. Ба фикри мо, дар автореферати кори тақризшаванда дар баробари комёбиҳои назарраси дар боло қайд гардида, норасоие мавҷуд аст, ки муаллиф дар расмҳои 3 (с. 24) ва 8 (с. 33) нишондиҳандаҳоро то соли 2020 дида баромадааст ва агар ӯ нишондиҳандаҳои солҳои охирро ҳам истифода мекард, таҳлили гузаронидашуда аниқтар ва ба фоидаи кор мешуд.

**2. Арабов Нурали Уралович - доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишкадаи захираҳои инсонӣ ва идоракунии рушди маҳали Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов бо чунин эродҳо:**

1. Муаллиф схемаи сохтори механизми идоракунии низоми таълимӣ ва ҷойгоҳи хизматрасониҳои таълимиро дар он наовардааст.

2. Дар банди 6 навгонии илмӣ (саҳ.11) муаллиф дар бораи моделҳои консептуалии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ барои мактаби олӣ сухан меронад, аммо дар ин ҷо дар зербандҳо, асосан дар аввал, сухан танҳо дар бораи як модел меравад.

**3. Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якум, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев бо чунин эродҳо:**

1. Дар қатори бартариятҳои дар автореферат овардашуда хубттар мешуд, агар муаллиф омӯзиши назарияҳоро оид ба рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ васеътар менамуд.

2. Инчунин дар автореферат на ҳама паҳлуҳои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълими бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амалисозӣ оварда баҳо дода шудаанд.

**4. Костюхин Ю.Ю. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи менеҷменти саноатии Донишгоҳи миллии таҳқиқотии техникии "МИСИС" шаҳри Москва бо чунин эродҳо:**

1. Дар автореферат динамикаи нишондиҳандаҳои асосии низоми таҳсилоти олӣ, аз қабили талабот ба хатмкунандагон, нишондиҳандаҳои

наукометрии мактабҳои олӣ ва динамикаи онҳо дар рейтингҳои байналмилалӣ нишон дода нашудааст.

2. Муаллиф мебоист амсилаи равандҳои асосии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ (идоракунӣ, таълимӣ, иловагӣ) ва қисматҳои таркибии онро бо назардошти андозаи талаботи мизоҷон ва қонеъгардонии онҳо (саҳ. 59) мухтасар баён мекард.

**5. Қурбонзода Маҳмадали Раҳмат - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо чунин эродҳо:**

1.Такрори фикрҳо дар саҳифаҳои гуногун дида мешаванд.

2. Гоҳо ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати рисолаи илмиро беҳтар хоҳад намуд.

**6. Накипова Гульмира Николаевна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба масъалаҳои академии Донишгоҳи Қарағандаи Иттифоқи матлуботи Қазоқистон (Казпотребсоюз) бо чунин эродҳо:**

1. Таҳлили дар боби дуюми рисола гузаронидашуда (саҳ. 69 автореферат) нишон дод, ки мактабҳои олии Тоҷикистон бояд масъалаи баланд бардоштани сифати таълимро коллективона ҳал карда, нақши муҳими омӯзгор ва донишҷӯро нишон диҳанд. Мутаассифона, аксар вақт бозори таҳсилоти олӣ дар лаҳзаи пешниҳоди маҷмӯи пурраи хизматрасониҳои таълимӣ ба донишҷӯ рисолати худро ба анҷом мерасонад ва хатмкунанда бо салоҳиятҳои ҳосилшуда ба бозори меҳнат ҳаракат мекунад ва дар он ҷо ҳамкории маҳсулоти бозори таҳсилоти олӣ ва субъекти бозори меҳнат ба вуҷуд меояд. Ҳамзамон, арзёбии салоҳиятҳои касбие, ки хатмкунанда ба даст овардааст, аз ҷумла “малакаҳои сахтафзорӣ” ва “малакаҳои нармафзорӣ”, бахусус дар соҳаи малакаҳои рақамӣ, аз ҷониби муассисаи таълимӣ амалӣ карда мешавад, ки ба ақидаи он университет, ӯро ба дараҷаи баланд тарбия кардааст. Ва ин ҳолат арзёбии объективии сифати салоҳиятҳои аз ҷониби довталаб ба даст овардаашро истисно мекунад. Дар натиҷа бозори меҳнат мутахассисеро пайдо мекунад, ки на ҳамеша ба талабот ва интизории корфармо ҷавобгӯ бошад ва хатмкунанда аз сармоягузорӣ ба таҳсилот қаноатмандӣ гирифта наметавонад.

Дар ин марҳилаи таҳқиқ ба мақсад мувофиқ буд, ки нақш ва аҳаммияти тарафҳои манфиатдори ҷумҳурӣ (корфармоён) дар кори коллективии донишгоҳ дар ташаккули сифати хизматрасонии таълимӣ муайян карда шавад.

2. Имрӯз зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф барои ташаккули салоҳиятҳои шахсӣ ва касбӣ фаъолона истифода мешавад. Технологияҳои зеҳни сунъӣ имкон медиҳанд, ки барномаҳо ва воситаҳои инноватсионии таълимӣ сохта шаванд, ки ба кам кардани хароҷоти вақт ва ғ. боис мегарданд. Дидани

баҳодиҳии таъсири зеҳни сунъӣ ба рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар донишгоҳҳои Тоҷикистон дар кор ҷолиб хоҳад буд.

**7. Шарифов Зариф Раҳмонович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эродҳо:**

1. Агар муаллиф дар раванди таҳқиқот ба масъалаи дар асоси интегратсияи соҳаи маориф ва илм, бунёд ва рушд додани таҳсилоти рақобатпазир, ки барои беҳтар кардани натиҷаи истеҳсолот ва таъмини самаранокии он равона гардидааст, диққат медод, сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид.

2. Беҳтар мебуд, ки муаллиф дар асоси истифодаи усулҳои таҳлилӣ ба муайян кардани имкониятҳои кадрӣ ва механизми самаранок истифода кардани онҳо дар низоми идоракунии сифати хизматрасонии таълим ва тадбиқи технологияи иттилоотӣ ва дигар инфрасохтори хизматрасонӣ диққат медод.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор, аз рӯйи ихтисосҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- - ***коркард карда шуд:*** а) амсилаи равандҳои асосии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ ва қисматҳои таркибии он (идоракунӣ, таълимӣ, иловагӣ) бо назардошти андозаи талаботи мизоҷон ва қонеъгардонии онҳо ***коркард шудааст*** (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)); б)***методологияи*** идоракунии умумии сифат (Total Quality Management – TQM) барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар

заминаи технологияҳои иттилоотӣ таҳқиқ ва омилҳои таъсиррасони низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ таснифбандӣ шуда, зарурати мутобиқсозии принсипҳо ва усулҳои низоми «идоракунии умумии сифат» (TQM) ба соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ дар бозори дохилӣ аз рӯи меъёрҳои банақшагирии сифат, барқарорсозии робитаҳои байни сифат, назорати сифат ва такмили параметрҳои сифат бо пешниҳоди хусусиятҳои бештар умумии хизматрасониҳои таълимӣ ва меъёрҳои (талаботҳои) интизории иҷрокунандагон ва истеъмолкунандагони онҳо ***асоснок карда шудааст*** (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)).

- ***пешниҳод шудааст: фарзияи асили илмӣ***, ки дар асоси он, низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбии кишвар дар сурати: пурра таъмин шудани МТОК технологияҳои навтарини иттилоотию коммуникатсионӣ; баланд бардоштани салоҳиятнокии истеъмолкунандагони асосии хизматрасониҳои таълимӣ; сатҳи самаранокӣ ва сифати фаъолияти касбии омӯзгорон ва дигар кормандони мактабҳои олӣ бо истифода аз технологияҳои мазкур ва таъмини сарфаи вақт, рушд карда метавонад.

- ***- исбот шудааст:*** 1) ***зарурати такмили*** сохтори идоракунии низоми таҳсилот дар мактабҳои олӣ дар заминаи муносибсозии усулҳо ва нақшаҳои истифодабарии захираҳои иттилоотӣ (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)); 2) ***номувофиқатии*** байни сатҳи татбиқ ва рушди технологияҳои таълимӣ ва натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин вобастагии ҷиддии сатҳи самаранокии истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ аз дараҷаи пайванди имкониятҳои ТИК бо нерӯи илмӣ-педагогии муассисаи таҳсилотӣ (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)).

- ***ҷорӣ намудани: 1) амсилаҳои консептуалии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотие***, ки барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)); 2) ***низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ (НИСХТ)*** бори нахуст дар шароити иқтисодиёти бозорӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи назария ва амалияи муосири раванди ташаккули низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки: а)** дар заминаи амсилаҳои якпараметра (Г. Раша) ва

бисёрпараметра (А. Бирнбаум) ***алгоритми*** раванди мутобиқшавии донишҷӯ ба тартиби тестии компютерӣ бо назардошти аниқсозии расмиёти татбиқи он, сатҳу сифати қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯён ва душвории дарки супоришҳои тестӣ таҳия карда шудааст (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)); **б)** асосҳои илмию назариявии рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ таҳқиқ ва муқаррароти назариявии ташаккули низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ ҳамчун заминаи сифати таълими муназзам дар мактаби олӣ муайян карда шуда, барои таъмини сатҳи баланди рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ дар заминаи ҳамгироии зичи сифати низоми таҳсилот бо равандҳои таълимӣ натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аниқ карда шудаанд (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)).

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок** таҳқиқотии таҳлили системавӣ, хулосабарории илмӣ, арзёбиҳои экспертӣ, таснифӣ, мушоҳидавӣ, муқоисавӣ, назарсанҷӣ, муҳтавоӣ, мусоҳибавӣ, пурсишҳои коршиносӣ ва дар раванди асосноккунии муқаррароти назариявӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо аз афзору воситаҳои сохторию функсионалӣ, субъектию объектӣ, усулҳои маърифатии иқтисодию оморӣ ва сотсиологӣ васеъ истифода бурда шудаанд.

- ***баён шудани*** 1) маҷмуи афзорҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ, таҳқиқӣ ва идоракуние, ки татбиқи афзалиятноки механизмҳои таъмини сифати хизматрасониҳои таълимиро дар асоси худтанзимкунӣ кафолат медиҳанд, таҳия карда шудааст (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)); 2) афзалиятҳои асосии усули равандгарои идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ ҷудо карда шуданд, самараҳои мултипликативии ҷорисозӣ ва татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аниқ карда шудаанд (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)).

- ***ошкор гардидани*** а) самаранокии иқтисодии татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар баланд бардоштани эътимоднокии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ ҳисоб карда шудааст (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)); б) гурӯҳҳои асосии равандҳои бо ҳам алоқаманди хизматрасониҳои таълимӣ ва қисматҳои таркибии онҳо бо мақсади татбиқи рисолат, шаклгирии ҳадафҳои асосӣ ва сохтори ташкилии

низоми таҳсилоти олии касбӣ ҷудо карда шудаанд (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)).

- ***омӯхта шуданд:*** а) бо мақсади татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ дар шароити мавҷудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ тавсияҳои методӣ ва умумӣ кор карда баромада шудаанд; б)арзёбии сифати раванди таҳсилот аз лиҳози ҳамгироии унсурҳои натиҷаҳо, сифат ва самаранокии таҳсилот, таъсири маҷмуи омилҳои беруна ва дохилӣ ва зарурати ташаккулёбии бозори мукаммали хизматрасониҳои таҳсилотии электронӣ бо назардошти такмили мавқеи иштирокчиёни асосии раванди таълим иҷро карда шудааст (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)).

- ***аз нав такмил додани:*** 1) амсилаи оптимизатсионии истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар заминаи пешниҳоди вариантҳои рушди соҳаи таҳсилот ва ҳисобкунии дурнамои рушди соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ барои давраи то соли 2025 (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)); 2) **категорияи «сифати хизматрасониҳои таълимӣ» (СХТ)** аз нуқтаи назари иқтисодӣ таҳқиқ карда шуда, принсипҳо, заминаҳо ва механизмҳои ташаккули низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ муайян карда шудаанд (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)).

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** татбиқи амалии натиҷаҳои диссертатсия ба самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ, ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва истиқлолияти комили он, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад.

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди омодасозии матни лексияҳо аз фанҳои таълимии «Назарияи иқтисод», «Менеҷмент», «Идоракунии сифати маҳсулот», «Иқтисоди бахши ҷамъиятӣ», «Иқтисодиёти маориф», «Амсиласозии равандҳои иқтисодӣ», «Баҳисобгирии муҳосибӣ», «Таҳлили компютерии фаъолияти корхонаҳо», «Автоматикунонии фаъолияти корхонаю муассисаҳо», «Информатикаи иқтисодӣ» истифода шудаанд. Санадҳои тасдиққунандаи натиҷаҳои таҳқиқот аз Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо муҳру имзо таъйид шудаанд.

- ***муайян карда шуд:*** а) тамоюлҳои асосии рушди низоми хизматрасониҳои таълимӣ дар донишгоҳҳои кишвар ва вазифаҳои асосии раванди иттилоотонии васеи соҳаи таҳсилот ҳамчун раванди ҳамгирой ва пайванди ҷузъҳои таркибии низоми ягонаи таълимӣ-методӣ-техникӣ-технологӣ-кадрии муассисаҳои таҳсилотӣ ошкор карда шудаанд (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)); б) тамоюлҳои асосии рушдкунандаи соҳа аз лиҳози иттилоотонии васеъ ва беҳдошти сатҳи рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ баҳои комплексӣ дода шудаанд (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)).

- ***офарида шуд:*** 1) барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ се алгоритм (ибтидоӣ, асосӣ, ниҳоӣ)-и амалисозандаи марҳилаҳои татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ сохта шудаанд (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)); 2)

- ***муаррифӣ карда шуданд:*** а) максималӣ гардонидани сатҳи иттилоотонии соҳа ва бузургии самаранокии пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)); б)бори нахуст дар шароити иқтисодиёти бозорӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон дар шакли мукаммал тамоюлҳои асосии рушди НИСХТ муайян ва самтҳои асосии такмили идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ барои мактабҳои олии Тоҷикистон бо назардошти соҳаи маорифи ҷаҳонӣ пешниҳод карда шудаанд (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)).

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***ғояи*** илман асоснок дар пояи таҳқиқотҳои олимони соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ оид ба идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ ***пешниҳод гардидааст***: а) нақшаи намунавии инфрасохтори иттилоотии шабакаи компютерии маҳаллии донишгоҳӣ дар заминаи таъсиси маркази махсуси технологияҳои иттилоотӣ ва бунёди маҷмуи синфхонаҳои компютерии махсусгардонидашудаи бисёрфунксионалӣ бо андозагириҳои худкори нишондиҳандаҳои сифати раванди таҳсилот пешниҳод карда шудааст (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои

математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)); б) дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи назария ва ҷамъбасти амалияи муосири раванди ташаккули низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ бори нахуст дар шароити иқтисоди бозорӣ тамоюлҳои асосии рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ ва самтҳои татбиқи технологияҳои иттилоотӣ барои МТОК Тоҷикистон дар шакли мукаммал муайян карда шудаанд (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)).

- ***консепсияи а)*** истифодаи афзорҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ ва идоракуние, ки татбиқи афзалиятноки механизмҳои таъмини сифати хизматрасониҳои таълимиро дар асоси худтанзимкунӣ кафолат медиҳанд (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)) ва б) татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ асоснок ва пешниҳод шудааст (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)).

- ***равиши*** а) муайянкунии самаранокии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ бо роҳи автоматикунонии равандҳои ташаккулдиҳӣ ва арзёбии параметрҳои амсилаҳои консептуалии идоракунии иттилоотию таълимӣ (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)); б) истифодаи комилан пурра ва ҳамаҷонибаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизматрасониҳои таълимӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)).

- ***татбиқи 1)*** тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)); 2) Самтҳои асосии беҳдошти самаранокии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти илмӣ-педагогӣ ва низоми идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)).

- ***муайян карда шуд,*** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 86,7% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф:**

1) дар натиҷаи таҳлили бахши хизматрасониҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ амсилаҳои консептуалии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимиро барои мактабҳои олӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва усулҳои амсиласозӣ ***таҳия кардааст***; 2) зарурати ҷорисозии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили таъминкунанда ва болобарандаи рақобатпазирии мактабҳои олӣ ва хатмкунандагони онҳо ***исбот кардааст***; 3) мустақиман дар масъалагузориҳои илмӣ ва эътимоднокии ҳалли натиҷаҳои онҳо, гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ ва эксперименталӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, баргузории озмоишҳои компютерӣ, таҳлил ва хулосабарориҳои ҷамъбастӣ иштирок карда, саҳмаш дар таҳқиқот дар шахсан навиштан ва ба нашр расонидани натиҷаҳо ва муҳтавои асосии диссертатсия ифода ёфтааст; 4) - дар омода ва нашр кардани рисолаи илмӣ 61  мақолаи илмӣ, монография ва 19 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Тоҷикистон (7 адад дар алоҳидагӣ) интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 22,5 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт), кори комилан анҷомёфтаи илмию тахассусӣ ба ҳисоб рафта, аз тарафи муаллиф мустақилона анҷом шуда, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошад ва мубрам буда, аз аҳамияти назариявию амалӣ бархурдор аст ва дар асоснок намудани ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд.

Диссертатсия аз рӯи ихтисоси 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ба бандҳои: 1.2., 1.4, 1.9, 2.1, 2.5, 2.10, ва аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ  (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) ба бандҳои: 1,2,4,5,13,14,16,17 Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 21.06.2024 қарори сазовор донистани Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 18 нафар аъзои шуро 18 нафар, аз ҷумла, бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 17 нафар, аз онҳо докторони илм 17 нафар, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 10 нафар иштирок доштанд. Овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ овоз доданд: тарафдор - 17 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**21 июни соли 2024.**